**САФОРАТИ ЧОПОН ТОҶИКИСТОН**
Шаҳри Душанбе, кӯчаи Х.Назаров, 80/А
Тел: 992 (372) 27 54 36/46;
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp

From the People of Japan

**EMBASSY OF JAPAN TAJIKISTAN**
80/A, Kh. Nazarov Str., Dushanbe, Tajikistan
Tel.: 992 (372) 27 54 36/46;
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp

## Изҳороти матбуотӣ

# Ҳукумати Ҷопон соҳаҳои маориф ва тандурустиро дар Тоҷикистон дастгирӣ мекунад

## 2 созишномаи кумаки бебозгашт бо маблағи 228,699 доллари ИМА ба имзо расид

**Душанбе, Тоҷикистон**

11 ноябри соли 2025 имзогузории созишномаҳои ду лоиҳаи кумаки бебозгашт баргузор гардид. Созишномаҳои кӯмаки бебозгашт байни Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, **хонум Кэйко ФУРУТА** ва намояндагони ташкилотҳои манфиатбаранда ба имзо расиданд. Маблағи умумии кумаки бебозгашти аз тарафи Ҳукумати Ҷопон ҷудошуда **228,699 доллари ИМА** ташкил медиҳад.

Дар зер рӯйхати ду лоиҳаи нави дар доираи Барномаи кумаки бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ (GGP) ва намояндагони ташкилотҳои манфиатбаранда, ки шартномаро имзо кардаанд, пешниҳод мегардад:

- **«Лоиҳаи бунёди мактаби нав дар деҳаи Ваҳдати ноҳияи Тоҷикобод»** бо маблағи **128,739 доллари ИМА,** аз тарафи **ҷ-би Қадриддин ФАҚЕРЗОДА,** раиси ноҳияи Тоҷикобод ба имзо расид;

- **«Лоиҳаи таҳким ва таҷдиди таҷҳизоти тиббӣ дар Беморхонаи Маркази шаҳри Истиқлол»** бо маблағи **99,960 доллари ИМА,** аз тарафи **ҷ-би Валиназар ҒОИБОВ,** директори Беморхонаи Маркази шаҳри Истиқлол ба имзо расид.

Ҳангоми суханронӣ **хонум Кэйко ФУРУТА** қайд кард, ки Ҷопон ҳамчун дӯсти хуби Тоҷикистон дар тӯли зиёда аз 30 сол аз замони таъсисёбии муносибатҳои дипломатӣ ба мардуми тоҷик дар соҳаҳои гуногун кумак мерасонад. Соҳаи маориф ва тандурустӣ аз муҳимтарин соҳаҳои ҳамкории дуҷониба байни Тоҷикистон ва Ҷопон ба шумор меравад.

Дар фарҷоми сухан **хонум Кэйко ФУРУТА** изҳори умедворӣ намуданд, ки ин лоиҳаҳо сари вақт амалӣ шуда ба қишри васеъи аҳолӣ, махсусан ба онҳое, ки аз зилзилаи харобовари моҳи апрели имсол хисорот дидаанд, манфиат расонанд. Ҳамчунин, Сафир таъкид кард, ки ин лоиҳаҳо ба беҳтар кардани сифат ва бехатарии муассисаҳои таълимӣ ва тиббӣ дар Тоҷикистон равона шудаанд, ки дар навбати худ ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат хоҳанд кард.

Манфиятбарандагони ду лоиҳа ба Ҳукумат ва мардуми Ҷопон барои кумакҳои расонидашуда изҳори миннатдорӣ карданд.

*Кӯмакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ “GGP” тарҳи Барномаи расмии Ҷопон оид ба рушд мебошад. Кӯмакҳои бебозгашти лоиҳаҳои амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ ба ҳокимиятҳои маҳаллӣ, соҳаҳои маориф ва тандурустӣ, ҳамчунин ба созмонҳои ғайридавлатӣ расонида мешавад. Аз соли 1996 то инҷониб, кӯмакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ* ***470*** *лоиҳаро ба маблағи умумии* ***$39,2*** *миллион доллари ИМА дар Тоҷикистон амалӣ намудааст, аз ҷумла 110 лоиҳа дар соҳаи тандурустӣ.*

*Барои маълумоти бештар роҷеъ ба Барномаи расмии Ҷопон оид ба рушд ба саҳифаи сомонаи зайл назар андозед* [https://www.tj.emb-japan.go.jp/itpr_ru/kusanone_r.html](https://www.tj.emb-japan.go.jp/itpr_ru/kusanone_r.html)



